Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи “Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат).**

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун муассисаи иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, вазифаи асосии он тайёрнамудани мутахассисони касбӣ ва ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб намудани онҳо мебошад. Тамоюли рушди мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тавоно ва пешрафта дар оғози қарни XXI нишон медиҳад, ки иқтидори иқтисодии давлат, нақши он дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, рақобатпазирии он дар бозори ҷаҳонӣ аз бисёр ҷиҳат ба қобилияти ҳосил намудани донишҳои нав ва дар амал татбиқ кардани онҳо вобаста мебошад. Сатҳи дониши аҳолӣ, рушди низоми тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи амалии нерӯи зеҳнии ҷомеа омилҳои муҳимтарини пешрафти мамлакатҳо ба шумор меравад. Бинобар ин, ҳалли масъалаҳои ба ин самт марбут танҳо дар он ҳолат имконпазир мегардад, агар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ механизми мувофиқи таъминоти кадрӣ ҷой дошта бошад, ки яке аз ин механизмҳо ин механизми мотиватсионӣ мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, диссертатсияи докторант Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович, ки ба таҳқиқи такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ, рушди иқтидори кадрӣ, муайян намудани самтҳои нави рушд ва омилҳои таъсиррасонанда ба мотиватсия ва ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст, дар шароити муосир масъалаи мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар сифати навгониҳои илмии диссертатсия чунин нуқтаҳоро қайд намудан мумкин аст:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии мотиватсияи таъминоти кадрӣ ва дар асоси он пешниҳод намудани таъсири мутақобилаи омилҳо ба воситаҳо ва усулҳои дар раванди мотиватсионӣ амалишаванда;

- муайянсозии омилҳои таъсиркунанда ба мотиватсия ва ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва асоснок кардани онҳо барои муайян намудани самаранокии кор яъне: ҳавасмандгардонии моддӣ (музди меҳнат, мукофотҳои пулию молӣ) ва маънавӣ (муносибати одилона ва қадрдонии заҳмати корманд);

- Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пешниҳоди роҳҳои амалии истифодаи дастовардҳои пешқадами онҳо дар шароити Љумҳурии Тољикистон.

Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқоти илмиро дар самти такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фароҳам оварда, ҳамчун саҳми муҳим дар амалисозии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин қабули қарорҳои муайян дар муносибатҳои муосири идоракунӣ аҳаммияти хосса дорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи он пешниҳодгардида аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои татбиқ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки ҳосилнокии меҳнат дар муассисаҳо баланд гардида, сатҳи тайёрнамоии мутахасисон ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ рушд ёбад.

Диссертатсияи тақризшаванда дар баробари аҳамияти илмӣ ва амалӣ доштан, инчунин дорои як қатор камбудиҳо мебошад, ки ба назари мо характери тавсиявӣ дорад. Аз ҷумла:

1. Аз натиҷаи таҳқиқот ба пуррагӣ вазъи муосири механизми мотиватсионии таъминоти кадриро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудан душвор аст;

2. Дар таҳқиқот муаллиф ба масъалаи "иқтисодиёти креативӣ" таваҷҷуҳ намуда унсурҳои онро муайян намудааст, агар ин унсурҳо возеҳтар шарҳ дода мешуданд ба манфиати кор буд.

Бояд қайд кард, ки норасоиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи "Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли

Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, кори илмии анҷомдодашуда арзёбӣ гардида, ба талаботҳои бандҳои шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Ҳусейнова З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru